КУМИТАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ
«БАҚАЙДГИРИИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ»
734002, ш.Душанбе, кӯчаи Ф.Ниёзӣ 50; тел.: (+992-37) 227-81-17, 378-815-021, 378-818-832;
факс: (+992-37) 227-80-84; e-mail: info@registr-ni.tj; РМА 040004658

№ 2/6-49(6) аз «24» 01 соли 2024

Ба №__________ аз______________ соли 2024

Ба директорони намояндагиҳо, корхонаҳои давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманкул» дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

Ба Шумо мактуби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2024, №886\413 ва замимаи №19 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 ноябри соли 2007, №546 оид ба меъёрҳои хироҷ барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва аҳдҳо ба он барои соли 2024 бо нишондоди индексатсияро барои иҷроиш ирсол менамоянд.

Инчунин хотиррасон менамоем, ки тибқи мактуби дар боло зикргардида ба Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба шумораи амалиётҳои бақайдгирии давлатии гузаронида шуда ва маблағҳои аз ин ҳисоб ба буҷети давлат воридгардида ҳар се моҳа маълумот пешниҳод намоед.

Замима: мактубҳо дар ҳаҷми 4 саҳифа.

Муовини якум Шарифзода С.Н.

Иҷрокунанда: шӯъбаи
бақайдгирӣ тел: 227-81-37

Шарифзода С.Н.
м/бақайдгирӣ
м. муҳосибот
корхонаҳои тобеъ
барои корбарӣ
24.01.24с.

24.01.24с

**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36
сомона: www.andoz.tj, почтаи электронӣ: info@andoz.tj РМА 010008783

№ 786/4-1-3 аз «19» 01 соли 2024

Ба № ____________ аз «____» ______________ соли 20___

Ба Ҳайзода Н.С.
Умаров Р.Ф.
барои корбарӣ
23.01.24

Кумитаи давлатии идораи замин
ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замима ба Шумо меъёрҳои хироҷ барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо онро барои соли 2024, ки тибқи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои хироҷҳо барои анҷом додани амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ва пардохтҳо барои додани иҷозат оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ё дигар захираҳои мавҷуда» аз 02.11.2007, №546 индексатсия карда шудаанд, барои коргузорӣ ирсол менамояд.

Зимнан, аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки меъёрҳои хироҷро барои мавриди истифода қарор додан ба сохторҳои зертобеи худ дастрас намуда, иҷрои онро назорат намоед.

Ҳамзамон, мутобиқи моддаи 70 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Шумо дархост карда мешавад, ки ҳар семоҳа ба Кумитаи андоз оиди шумораи амалҳои ба анҷом расонидашуда ва маблағҳои аз ин ҳисоб ба буҷет воридшуда, маълумот пешниҳод намоед.

Замима: дар 2 варақ.

Раис Н. Давлатзода

265 23.01.

КВД "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул"
сана «24» 01 соли 2024
шохис 55

Замимаи 19
Ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 ноябри соли 2007 № 546

**Меъёрҳои хироҷ барои бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо он**

(бо сомонӣ)

| № | Намуди амалҳо | Меъёрҳои хироҷ барои соли 2022 | Меъёрҳои хироҷ барои соли 2023 | Меъёрҳои хироҷ барои соли 2024 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бақайдгирии давлатии додани ҳуқуқи истифодабарии меросии якумра, бемуҳлат ва муҳлатноки қитъаи замин | 82,64 | 86,11 | 89,38 |
| 2 | Бақайдгирии давлатии додани ҳуқуқи истифодабарии меросии якумра, бемуҳлат ва муҳлатноки қитъаи замин бо ҳуқуқи бегонакунии он | 82,64 | 86,11 | 89,38 |
| 3 | Бақайдгирии давлатии шартномаи иҷораи замин | 27,55 | 28,70 | 29,79 |
| 4 | Бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба ниҳолҳои бисёрсола | 27,55 | 28,70 | 29,79 |
| 5 | Бақайдгирии давлатии додани ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ба молу мулки ғайриманқул | 82,64 | 86,11 | 89,38 |
| 6 | Бақайдгирии давлатии додани ҳуқуқи идораи ба боварӣ асосёфта ба молу мулки ғайриманқул | 27,55 | 28,70 | 29,79 |
| 7 | Бақайдгирии давлатии додани ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ба молу мулки ғайриманқул | 55,09 | 57,41 | 59,59 |
| 8 | Бақайдгирии давлатии ҳуқуқи моликият ба биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, биноҳои ҷудогона | 27,55 | 28,70 | 29,79 |
| 9 | Бақайдгирии давлатии шартномаи иҷора ба муҳлати зиёда аз 1 сол, иҷораи фаръӣ, бе подош истифода бурдани бинои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот, бинои ҷудогона | 27,55 | 28,70 | 29,79 |

| № | Намуди амалҳо | Меъёрҳои хироҷ барои соли 2022 | Меъёрҳои хироҷ барои соли 2023 | Меъёрҳои хироҷ барои соли 2024 |
|---|---|---|---|---|
| 10 | Бақайдгирии давлатии сервитутҳо: | | | |
| | - сервитути хусусӣ (ба розигӣ асосёфта) | 27,55 | 28,70 | 29,79 |
| | - сервитути оммавӣ (маҷбурӣ) | 82,64 | 86,11 | 89,38 |
| 11 | Бақайдгирии давлатии шартномаи ипотекаи молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он | 82,64 | 86,11 | 89,38 |
| 12 | Барои такроран гирифтани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ: | | | |
| | - сертификати ҳуқуқи истифодаи замин | 27,55 | 28,70 | 29,79 |
| | - шартномаи бақайдгирии давлатӣ | 27,55 | 28,70 | 29,79 |
| | - иқтибос аз китоби бақайдгирӣ | 13,77 | 14,35 | 14,90 |